# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-077-и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) пешниҳод шудааст.

1. Диссертатсияи илмии Қурбонзода Навбаҳор Қурбон ба яке аз масъалаҳои мубрами педагогии – тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ бахшида шудааст. Масъалаи тарбияи ахлоқӣ тӯлонӣ ва мураккабу душвор буда, барои таъсиррасонӣ ба шахсияти тарбиягиранда аз аҳли ҷомеа, қабл аз ҳама, аз волидону омӯзгорон тадбирҳои ҳадафманду саривақтиро тақозо мекунад. Бешубҳа, дар раванди тарбияи сифатҳои маънавӣ-ахлоқии шахсияти ҷавонони донишҷӯ нақши муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ муҳим мебошад, зеро ки маҳз дар ин марҳила ҷаҳонбинӣ, сифатҳои ахлоқӣ, инчунин, хислатҳои дигари ӯ аз қабили садоқату хайрхоҳӣ, ҳамкорию фурӯтанӣ ташаккул меёбанд.

Таҳлили адабиёти мавҷуда, маърӯзаҳо дар ҳамоишҳои илмӣ, мақолаҳо дар матбуоти даврӣ ва ғайраҳо, ки бевосита таҳқиқи масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёнро зимни омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар бар мегиранд, баёнгари он мебошанд, ки ин масъала ҳанӯз чандон мавриди таҳлилу баррасии муҳаққиқон қарор нагирифтааст. Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки масъалаи мазкур дар шароити имрӯза беш аз пеш мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ қарор мегирад.

Маҳз ҳамин ҷиҳати масъала дар диссертсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар баробари асосҳои педагогии таҳқиқи масъалаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ, аз оғоз то интиҳои диссертатсия дар мадди назари диссертант қарор гирифтааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 - 33 -и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Омӯзиш ва таҳлили масъалаи тарбияи маънавию ахлоқӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои фалсафӣ, психологӣ ва педагогии ташаккули тафаккури ахлоқӣ ҳамчун объекти ҷараёни таълиму тарбия, инчунин, ташаккули сифатҳои маънавию ахлоқии донишҷӯён дар машғулиятҳои забони англисӣ собит намуд, ки таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ҷараёни ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тафаккури ахлоқии ҷавонони донишҷӯй мусоидат намуда, дар ин раванд нақши муассир мегузорад.

Аз ин рӯ, метавон, пеш аз ҳама, натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби диссертант ба даст оварда шудаанд, дар самти амалисозии рушди тафаккури маънавию ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ

(англисӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ нақши мусбат хоҳанд гузошт.

3. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсионии Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ» ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.10. — Назария ва технологияи тахсилоти касбӣ (5.3.10.9. — Назария ва технологияи таълими забонхои хориҷӣ), ҳамчунин, ба Феҳристи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 мутобиқат мекунад.

Диссертант дар рисолаи худ таъкид менамояд, ки ташаккули сифатҳои диққат, хотира ва тафаккур ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки иттилооти мунтазам навшавандаро мустақилона аз худ намоянд, инчунин, чунин қобилияту малакаҳоро инкишоф диҳанд, ки ҳатто пас аз хатми таҳсил барои қафо намондан аз пешрафти босуръати илму техника мусоидат мекунанд. Муаллиф ин масъалаҳоро таҳлил намуда, бар асоси ақидаҳои шахсии худ пешниҳодҳои мушаххас иброз кардааст, ки ин нукта аз ҷумлаи дастовардҳои муҳимми рисола маҳсуб меёбад.

Ҳамчунин, ташаккули чунин хислатҳо, монанди мақсаднокӣ, масъулиятшиносӣ, суботкорӣ, фаъолнокӣ ва ғайра барои ба узви арзандаи ҷомеа табдил ёфтани донишҷӯён мусоидат хоҳад кард.

Аз ин нуктаи назар, мавзуи рисолаи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон мубраму муҳим буда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ низ шоистаи дастгирист.

Диссертатсияи мазкур мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки 30 июни соли 2021 таҳти №267 ба тасвиб расидааст, таълиф шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеъ муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (қарори ҷаласа аз 12 сентябри соли 2025, № 09).

Дар хулосаи ҷаласаи васеи шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматарафа дода шудааст.

4. Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар 13 номгӯйи мақолаҳои илмии нашршудаи довталаб, ки 6 номгӯйи онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақолаи дигар дар маҷалла ва маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд, мукаммал инъикос ёфтаанд.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ё худ эътирофшуда ба талаботи банди 34 - Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 тахти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

5. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудааст, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунад.

6. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф фикрҳои ҷолиб пешниҳод шудааст. Инчунин, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва мукаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкоро мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика ва методикаи таълим шаҳодат медиҳад.

7. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбонро дар мавзуи «Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) ба шурои диссертатсионӣ барои ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

8. Ба сифати муқарризони расмӣ Сайфуллоева Зарина Хайруллоевна – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ», Аҳмадзода Бунафша Саймузафар – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, муовини ректор оид ба тарбияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ» ва ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод карда шаванд.

9. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

10. Барои нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертии диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

**<u>ҚАРОР КАРД:</u>**

1. Диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва

технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) мувофиқат мекунанд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

1. Сайфуллоева Зарина Хайруллоевна – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ»

2. Аҳмадзода Бунафша Саймузафар – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, муовини ректор оид ба тарбияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ».

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор — Рузиева Лола Толибовна

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор — Иззатова Муҳаббат Иноятовна

номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент — Лутфуллоева Парвина Маҳмадуллоевна

*Имзоҳои Рузиева Л.Т., Иззатова М.И. ва Лутфуллоева П.М.-ро тасдиқ мекунам.*

Нозири кадр ва коргузории
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Саидова М.

« 9 » феврали соли 2026